Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 мебарояд

# Овози тоҷик

آواز تاجیک

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

РӮЗНОМАИ ОЛИЙ МАҶЛИС ВА ДЕВОНИ ВАЗИРОНИ ҶУМҲУРИЯТИ ӮЗБЕКИСТОН

6 ноябри соли 2002. Чоршанбе № 86 (12828)

Дар фурӯш нархи озод. Рӯзнома соати 17.30 имзо гардид.

## Ба Аълоҳазрат ҷаноби Ислом Каримов, Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон

Мӯҳтарам ҷаноби Президент, дӯсти азизам!

Барои пазироие, ки ҳангоми ташрифи расмиамон ба Ӯзбекистон ба мо муҳайё шудааст, шахсан аз номи худам, аз номи рафиқаам ва аз номи аъзоёни ҳайати вакилон самимона миннатдорӣ изҳор мекунам. Музокироти шавқовар ва барои ҳамкории минбаъдаи Лаҳистону Ӯзбекистон муҳим дар ман таассуроти бузург гузошт. Аминам, ки онҳо дар рушди муносибатҳои Лаҳистону Ӯзбекистон зинаи нави муваффақиятнокро кушод.

Ӯзбекистон барои амнияти Осиёи Миёна, инчунин барои рушди минбаъдаи демократии ин минтақа мавқеи муҳим дорад. Аз ин рӯ вай дар тамоми соҳаҳо, пеш аз ҳама дар мубориза бар зидди терроризм, ки барои осоиши умумӣ аҳамият дорад, шарики муҳим ва бебаҳо мебошад.

Дар ман ташриф ба Бухоро ва Самарқанд шаҳрҳое, ки қисми муҳими тамаддуни торихи ҷаҳониро ташкил медиҳанд, таассуроти фаромӯшнопазир гузошт.

Лаҳистон ҳанӯз дар асрҳои миёна бо Осиёи Миёна алоқаҳои наздик дошт. Баъдтар бошад, дар асрҳои XIX-XX полякҳои дар бадарғабуда дар таҳқиқи халқҳои ин минтақа, торих ва фарҳанги бои онҳо ҳиссаи бузург гузоштанд. Фаъолнокии сиёсӣ ва иқтисодии Лаҳистон дар ин минтақа кушодани саҳифаҳои навро не, балки барқарор намудани алоқаҳоро бо шарикони ба мо маълум мефаҳмонад.

Девони ман ва вазоратҳои дахлдор ҳоло дар бобати ба амал баровардани созишномаҳои ба ташриф алоқаманд фаъолона кор мекунанд.

Бори дигар барои меҳмоннавозӣ аз самими қалб миннатдорӣ изҳор мекунам ва ба боз дар Варшава дар мӯҳлатҳои барои Шумо қулай, тавассути каналҳои дипломатӣ муайян кардашуда ба вохӯрӣ кардан умед мебандам.

Бо изҳори эҳтироми бузург ва дӯстӣ,

**Александер КВАСНЕВСКИ,**
**Президенти Ҷумҳурияти Лаҳистон.**

Варшава, 30 октябри соли 2002.

# Дурдонаи воҳаи Қашқадарё

## Нутқи Президент Ислом Каримов дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 2700-солагии Шаҳрисабз

Ассалому алайкум, ҳамватанони азиз!

Меҳмонони гиромӣ!

Имрӯз дар сарзамини Кеши бостонӣ иди бузург, тантанаи азим.

Шаҳрисабзи бостонӣ ва ҳамешаҷавон, ки аз решаҳои шаҳрҳои қадимтарин буда, таърихи он ба умқи гузаштаи Ватани муқаддас алоқаманд мебошад, имрӯз 2700-солагиашро ҷашн мегирем. Вай ба тамоми оламиён шаҳомат ва зебогии худро намоиш медиҳад. Ин шаҳри аҷиб ба тамоми ҷаҳониён қадриятҳои ҷовидонаи кишварро, таърих ва муқаддасоти Ӯзбекистони маҳбубро намоиш медиҳад.

Дӯстони азиз!

Вақте ки сухан аз Шаҳрисабз меравад, дар пеши назари мо пеш аз ҳама кишвари қадимаеро меорем, ки дар он аз қадимулайём аҷдодони мо зистаанд, ва он бо номҳои ГаваСуғда, Наутака ва гоҳан бо номи Кеш ёд шудааст.

Ин шаҳр дар тӯли таърих бисёр воқеаҳоро аз сар гузаронд. Борҳо аз тохтутоз, тӯфонҳои таърихӣ ба харобазор табдил ёфт ва боз ҳам аз нав, аз харобазор дубора эҳё гардид.

Бо вуҷуди ҳамаи ин на имтиҳонҳои сангини таърих, на ҷангу ҷидолҳо, на ҳодисаҳои табиӣ тавонистаанд ин шаҳрро нест намоянд.

Одамоне, ки дар ин замини муқаддас ба дунё омадаанд, аз қадриятҳои волои он шодобанд , дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳамеша бовиқор сарбаландона умр ба сар бурда, ба тамоми ҷаҳониён намунаҳои барҷастаи мардонагӣ ва созандагиро намоиш додаанд.

Вақте ки мо аз Шаҳрисабз сухан мегӯем, дар пеши назари мо симои абадзиндаи аҷдоди бузургамон Амир Темур, ки бо даҳои ӯ тамоми олам ифтихор дорад, ҳувайдо мегардад.

Шаҳрисабз ин як диёри мӯътабарест, ки он гаҳвораи ин зоти муборакро ҷунбонида, ӯро ба камол расонидааст. Дар бобати муттаҳид намудани элу авлодҳо, аз ғосибон озод намудани диёри маҳбуб, ки дар таърих мӯҳри абадӣ гузошта, дар бунёди давлати пурқудрат маҳз ҳамин замин ба Амир Темур қувват ва имдод бахшидааст.

Бобокалони мо Амир Темур Шаҳрисабз ва воҳаи Кешро аз ҷону дил дӯст медошт, онро қадр менамуд, ҳатто мехост онро пойтахти салтанати хеш бисозад. Дар ин ҷо чи қадар иншоотҳои зебо ва беҳамто бунёд шуданд, шаҳр дубора эҳё гардид, бо ҳамин дар шӯҳрати ҷаҳонии он ва ривоҷи вай саҳми беандоза гузоштааст.

Суханони соҳибқирон: «Ҳар касе, ки бихоҳад аз қудрати мо огоҳ шавад омада, иморатҳои бунёднамудаи моро бинад», имрӯз ҳам маъно ва мазмуни худро маҳфуз медорад.

Вақте ки Шаҳрисабз мегӯем, пеш аз ҳама дар тасаввури мо шаҳри сабзу хуррам, осмони ситоразору беғубори он, кӯҳҳои сарбаланди Ҳисор намоён мешавад.

Ва, табиист, ки вақти Шаҳрисабз гуфтан мо аз «Қуббаи илму адаб»,ки эътироф гаштааст, ёд меорем. Зеро ки он чун маскани илму фарҳанг эътироф гаштааст. Ин шаҳр аз замонҳои қадим бо устоҳои гулдаст, ҳунармандони моҳир, ки шӯҳрати беҳамторо соҳиб буданд, маълум буд.

Обидаҳои мӯҳташам ва машҳур ба мисли Оқсарой, Дорус-саодат, Дорут-тиловат, Кӯкгумбаз ва дигар ёдгориҳои бетакрори меъморӣ, ҳамчунин бозёфтҳои нодири осори атиқа, ки ба ҳафт иқлим маълум ва машҳур, дар ҳамин хоку заминанд. Ва ин ҳама ҳақиқати таърихиро тасбит менамоянд.

Фарзандони ин хоки муқаддас Абӯмуҳаммад Кешӣ, Шамсиддин Кулол ва Ҳазрати Башир, ки аз зумраи азизу авлиёҳоанд, Фироқӣ, Хиромӣ, Равнақӣ, Фақирӣ барин шоиру алломаҳои Шаҳрисабз дар тамоми дунё машҳуранд.

Хусрави Деҳлавӣ, Мирзо Бедил, Мирзо Ғолиб барин симоҳои нодир, ки ба хазинаи маданияти ҷаҳонӣ ҳиссаи беҳамто гузоштаанд, аслу насабашон аз Шаҳрисабз будааст. Ва ин аз хосияти илоҳӣ доштани ин хоки муборак гувоҳӣ медиҳад.

Дӯстони азиз!

Алҳол диққати шуморо ба як асроре ҷалб менамоям.

Дар паҳлӯи мақбараи Ҷаҳонгир Мирзо имрӯз ҳам чинорҳои азими қадимаро мебинем. Ман ҳар дафъа вақте ки ба ин ҷо меоям, фикр мекунам, ки ин гуна дарахтон фақат дар ҷойҳои муқаддас ба камол мерасанд. Шояд ин чинорҳоро замоне бобокалони мо— Амир Темур бо дастони худ шинондаанд.

Чинорҳои азими Шаҳрисабз тимсоли ин шаҳри муқаддас буда, ба назари ман онҳоро як қудрати илоҳӣ ҳимоя менамояд, то ки он ба наслҳои оянда мерос монад.

Дӯстони азиз!

Имрӯз Шаҳрисабз бо файзу таровати худ чашмҳоро рабуда, эътибори ҷаҳониёнро ба худ ҷалб намудааст. Ӯ ҳамчун яке аз шаҳрҳои тамаддуни қадимаи ҷаҳон аз тарафи ташкилоти бонуфузи ЮНЕСКО эътироф шудааст ва ба рӯихати мероси умумҷаҳонӣ шомил гардидааст.

Шубҳае нест, ки Шаҳрисабз ва воҳаи Қашқадарё дорои таърихи қадима ва мероси бои маданист.

Боигариҳои бетакрори рӯ ва зери замини он инчунин қобили эътибор аст.

Имрӯз ба ин ҳақиқат нафақат дар минтақаи Осиёи Марказӣ, балки дар тамоми дунё ҳарф мезананд.

Ва агар аз ман суол намоянд, ки боигарии ҳақиқии ин сарзамин чист, бе ҳеҷ дудилагӣ мегуфтам, ки боигарии ин замине, ки ба он назари Парвардигор расидааст, ин халқи вай мебошад. Чунки одамони он дилкушод, баорият, дар душворӣ ва имтиҳонҳои мухталиф обутоб ёфтаанд, некиро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунанд.

Ман он рӯзҳоро, ки бо шумо, дӯстони қадрдони қашқадарёӣ, китф ба китф истода, ҳамфикр буда меҳнат кардаам ва он ба лаҳзаҳои азизи ҳаётам табдил ёфтаанд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Дар ҳамон давраи мураккаб шумо ба ман эҳтиром ва боварӣ зоҳир кардед, агар гуфтан мумкин бошад, ба ман қанот бахшидед, аз ин умрбод миннатдорам.

Ҳамватанони қадрдон!

Дар солҳои истиқлолияти кишвар мо дар маркази Шаҳрисабз ҳайкали муаззами бобокалонамон Амир Темурро, мақбараҳои зотҳои муборакӣ дар ин ҷо дафншударо обод намудем, қарзи фарзандии дар назди рӯҳи аҷдодон доштаи худро адо намудем, ки ин дар таърихи нави мо воқеаи фаромӯшнопазир аст.

Ҳеҷ шакку шубҳа нест, ки баҳри боз ҳам зебо намудани ин шаҳр, афзун кардани салоҳияти он корҳои ибратнок ҳамчунин идома меёбанд. Ва Шаҳрисабз нафақат дар соҳаи зироат, саноат, ҳунармандӣ ва маскани фарҳанг диққату эътибори сайёҳони хориҷиро ба худ ҷалб менамояд, инчунин он ба шаҳри зебои замонавӣ табдил ёфтанаш муқаррар аст.

Имсол Шаҳрисабз, тамоми аҳли Қашқадарё дар ҳамаи самтҳои зиндагӣ соҳиби муваффақият буд. Ман аз фурсат истифода бурда, дар шароити обу ҳавои номусоиди сол дар соҳаи хоҷагии қишлоқ фидокорона меҳнат доштани деҳқононро ба ёд оварда, мегӯям, ки онҳо аз ҳама зиёд бештар аз 684 ҳазор тонна ғалла, зиёда аз 420 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ намуданд. Шумо деҳқонони асл ва ҳалоллафзи қашқадарёиро бо ин комёбиҳои беназир аз таҳти дил табрик намуда, ба шумо эҳтироми худро изҳор менамоям.

Дӯстони азиз!

Дар ҳамин рӯзҳои фаромӯшнашаванда, хурсандибахш мехоҳам ба шумоён, ҷавонони Қашқадарё, ки такягоҳи манед, дар симои шумо ба ҳамаи ҷавонони Ӯзбекистон бо даъвате муроҷиат намоям.

Дар асл ин нафақат даъвати ман аст, балки он даъвати маънавии аҷдодони бузургамон мебошад. Ва ман бори дигар мехоҳам онро ба ёд оварам.

Ҳамеша суханони Амир Темур—рамзи ғуруру ифтихори мо, ки маҳз дар ҳамин шаҳр ба наслҳои оянда гуфта шудаанд, ба ёд оред, ки чунин будааст: «Кистем мо, аз кадом авлодем?».

То замоне, ки дили шумо дар таппиш аст, дастони шумо дорои қудратанд, Ӯзбекистон дар байни ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи худро торафт мустаҳкам менамояд, шумо ҳамеша ба ин даъват муносиб бошед.

Мо дар дунё аз ҳеҷ кас кам намешавем,—гуфта байрақи истиқлолиятро баланд бардоштем шумоён онро боз ҳам баландтар хоҳед бардошт, ба ин бовар мекунам.

Ҳамватанони азиз!

Ман дар ин лаҳзаҳои пурҳаяҷон аҳли Шаҳрисабз, тамоми халқи худро бо ин рӯзи саид. бори дигар табрик намуда, ба чеҳраҳои кушодаи шумо дида дӯхта, мегӯям, ки ин гуна рӯзҳои равшани мо зиёда бод, дурдонаи воҳаи Қашқадарё—Шаҳрисабз то даме, ки дунё ҳаст зинда бошад.

Ин шаҳри афсонавие, ки таърихи 2700-соларо бар дӯши худ дорад, дар наздаш сари таъзим фуруд оварда, назди онҳое, ки шӯҳрати онро ба тамоми олам тараннум менамоянд, ҳамдиёрони азиз, таъзим менамоям.

Ман аз номи худ, аз ҷониби тамоми халқи мо ба ҳамаи устоҳо ва бинокорон, инженерон ва меъморон, ки ёдгориҳои бисёрасринаи таърихии моро чун гавҳараки чашм муҳофизат менамоянд, корҳои серҷанбаи барқароркунӣ ва бинокорӣ ба ҷо меоранд, иморатҳои нав ба нав бунёд мекунанд, ҳамчунин ба ҳамаи онҳое, ки ба ин кори хайр саҳми муносиб мегузоранд, самимона ташаккур мегӯям, миннатдорӣ изҳор мекунам.

Ба намояндагиҳои ташкилотҳои байналхалқии ЮНЕСКО ва сафоратхонаҳои давлатҳои хориҷӣ, ки дар ин тантанаҳо иштирок доранд, аз таҳти дил ташаккур мегӯям.

Ба ҳамаи шумоён сиҳатмандӣ, бахту саодат, дар хонадонатон файзу барака орзу мекунам.

Шаҳри Самарқанд дар солҳои охир ба таври шинохтанашаванда тағйир меёбад. Кӯчаҳои ободу биноҳои нави замонавӣ ба ҳусни шаҳр ҳусн зам мекунад. Дар ин бобат албатта бинокорон ҳиссаи худро мегузоранд.

Шумо дар ин сурат устои моҳир (дар мобайн) Мардон Эшонқуловро дар ҳалқаи шогирдонаш мебинед, ки дар бунёди маҷмӯи меҳмонхона ҳисса мегузоранд.

**Аксбардор: В.ПОРТНОВ.**



# «Ҷойҳои муқаддас ҳамеша мамлакатро дар паноҳи худ нигоҳ медоранд»

Имрӯз ҷашни 2700-солагии Шаҳрисабз, ки дар таърих ва фарҳанги ҷаҳонӣ мавқеи арзанда дорад, ба таври васеъ таҷдид меёбад. Ба муносибати ин, ки 29 марти соли ҷорӣ қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ӯзбекистон «Дар бораи тайёрӣ ба ҷашни 2700-солагии ш.Шаҳрисабз» қабул гардид ва ҳамчунин қарори ЮНЕСКО оиди ҷашни васеи 2700-солагии таъсиси ин шаҳр боз як намунаи равшани эътирофи умумиҷаҳонии Кеш—Шаҳрисабзи бостонӣ, ватани бобои бузургамон, соҳибқирон Амир Темур мебошад.

Ба муносибати ин ҷашн бисёр обидаҳои таърихӣ ва меъморӣ, ба мисли Оқсарой, Дорут-тиловат, Дорус-саодат, гумбази савдои Чорсу, мадрасаи Чӯбин таъмир ва барқарор карда шуданд. Дар баробари ҳамин дар бобати беҳбуд бахшидан ба соҳаҳои бинокорӣ, ободонӣ, таъмини аҳолӣ бо газ ва оби нӯшиданӣ, коммуникатсия, нақлиёт, нигаҳдории тандурустӣ ва хизмати коммуналӣ як қатор корҳои назаррас ба иҷро расонда шуданд.

Аз ҳама муҳимаш ҳамин, ки корҳои дар арафаи ҷашн ба иҷрорасида идомаи он корҳое буданд, ки дар мамлакати мо дар солҳои истиқлолият таҳти сарварии Президент Ислом Каримов оиди эҳё ва омӯзиши таърихи ҳақиқӣ, барқарории қадриятҳои таърихии халқамон, худшиносии чуқур,ободонии шаҳрҳои қадима, мазорот амалӣ мешаванд, ки ин ба халқи мо илҳоми зиёд мебахшад.

...Шаҳри сабз. Оқсарой. Кӯкгумбаз. Ҳамаи ин асари рангинест, ки хоси Шаҳрисабз мебошад. Бо вуҷуди ин, ки имрӯз фасли тирамоҳ аст, ин шаҳр дар қабои идона ҳусни зебо ба худ гирифтааст. Иншоотҳои мӯҳташам, ки аз тарафи Амир Темур бунёд шудаанд, имрӯз ҳам назаррабо ва ҳайратовар мебошанд. Кӯчаҳо серодаманд. Аз ин кӯчаҳо ҳамчунин фарзанди бузурги халқи мо—ҳазрати Алишери Навоӣ низ гузаштаанд. Ҷавлони байрақҳо, гулҳои рангоранг, чеҳраҳои хандон дар симои ҳамватанон ба дили кас фараҳ мебахшанд.

Ташрифи Президенти Ҷумҳурияти Ӯзбекистон Ислом Каримов ба Шаҳрисабз ба 1 ноябр иттифоқ афтод. Ӯ тамошоро аз Кӯкгумбаз шурӯъ намуд.

Ислом Каримов ёдгориҳои таърихии аз таъмири нав умри дубораёфтаро дида, қаноатмандии худро пинҳон карда натавонист. Чунки ӯ ба наздикӣ—14 октябр ҳангоми омаданаш ба Шаҳрисабз чанд пешниҳод ва тавсияҳои худро оиди таъмиру барқароркунии ин иншоотҳо изҳор дошта буд.

Соли чинорҳои азим, ки дар назди мақбараи Ҷаҳонгир Мирзо сар ба фалак кашидаанд, муқаррар карда шуданд, назди он тахтачаҳои инъикоскунандаи он ва ҳидояткунандаи ин ки тахти муҳофизати давлатанд, ба вуҷуд омаданд. Он чиз табиӣ, ки меҳмононро суханони сарвари мамлакати мо, ки дар яке аз тахтаҳои мармарии назди ин чинорҳо ҳаккокӣ шудаанд, ба ваҷд меоваранд, ки маҳз дар замини муқаддас дарахтони аз тарафи аҷдодон шинондашуда нашъунамо мекунанд ва қудрати илоҳӣ онҳоро асрҳо боз нигаҳбонӣ менамояд.

Сарвари давлат бори дигар таъкид намуд, ки ҳифзу муроқибати ин чинорҳои дарозумр барои наслҳои оянда дар ҳамин ашколи зебое, ки доранд, кори бомасъулият ва боифтихор аст.

Сипас Президент ба майдони Амир Темур роҳ пеш гирифт, ки дар он ҷо тантанаҳои ҷашнии шаҳр сурат мегиранд.

Кеши бостонӣ дар тӯли таърихи худ бисёр ҷашнҳоро аз сар гузарондааст. Аммо тантанаҳои кунунӣ аз нигоҳи зебоӣ ва шаҳоматаш аз дигар ҷашнвораҳои гузашта ба куллӣ фарқ дорад. Амфитеатри калон дар маркази майдон бо намояндагони ҳамаи вилоятҳо, ташкилотҳои байналхалқӣ, фаъолони воҳа, сафирони давлатҳои хориҷӣ дар кишвари мо, кормандони матбуоти маҳаллӣ ва хориҷӣ пур аст.

Президент Ислом Каримов иштирокдорони тантанаҳоро табрик гуфта, дар симои онҳо тамоми халқи моро бо ин ҷашни пуршукӯҳ табрик намуд.

Намояндаи доимии ЮНЕСКО дар мамлакати мо Майкл Барри Лейн ҳозиринро ба намояндагӣ аз директори генералии ин ташкилоти байналхалқӣ Коичиро Мацуура самимона табрик гуфта, саҳми Кеши бостониро дар тамаддуни инсоният хеле баланд баҳо дод.

Ҳокими вилояти Қашқадарё Б.Ҳамидов, ветерани меҳнат Э.Бозоров, лауреати мукофоти давлатии ба номи Зулфия, толибаи литсеи назди Донишгоҳи иқтисодиёт ва дипломатияи ҷаҳонӣ Г.Эргашева ба сарвари мамлакатамон барои корҳои азими дар ҷумҳурият оиди эҳёи қадриятҳои миллӣ ба амал баровардааш омӯзиши мукаммали таърихи бои мо аз ҷумла барои ҷашнгирии Шаҳрисабзи бостонӣ изҳори ташаккур намуданд.

Намоишҳои бахшида ба ҷашни шаҳр тайёршуда шурӯъ шуданд. Дар барномаҳои театрикунонидашуда дар шаклҳои бадеӣ таърихи Кеши қадима ва Шаҳрисабзи кунунӣ васф мешуданд.

Оҳангҳо ба сурудҳо табдил меёфтанд, сурудҳо —ба рақсҳо. Дил аз чунин қасидаҳои пурҳаяҷони тавсифкунандаи ҳаёти озоди халқи мо, рӯзҳои тинҷу ором ба фараҳ меомад. Дар чунин лаҳзаҳо ба ёди кас суханони Президент меояд, ки ҳангоми тамошои ёдгориҳои Шаҳрисабз гуфта буд:

«Ҷойҳои муқаддас ҳамеша мамлакатро дар паноҳи худ нигоҳ медоранд».

**Ғулом МИРЗО,**
**Абдуҷалол ТАЙПАТОВ,**
**мухбирони махсуси ӮзА.**

# Асрори комёбӣ дар чист?

Мо, паёмнигорон дар бораи муваффақияту комёбии меҳнатии одамон шунида, ба суоли «Асрори комёбиҳоятон дар чист?» ҷавоби ғайриоддиро интизор мешавем.

— Дар ин ҷо ягон сир нест, — мегӯяд роҳбари хоҷагии фермерии «Пахтакор»-и ассотсиатсияи ширкатҳои ба номи Бобури ноҳияи Олтинкӯл, корманди шоистаи кишоварзии Ӯзбекистон Лапас Икромов. — Ҳамааш аз меҳнат аст. Агар навъи пунбадонаро дуруст интихоб намуда, ба вай сари вақт нигоҳубин кунӣ, корат барор гирифта, комёб хоҳӣ шуд. Бар замми ин, агар замини худӣ бошаду барои худат меҳнат кунӣ, ҳам даромади хуб хоҳӣ гирифту ҳам рағбатат меафзояд.

Дар ҳақиқат, Л. Икромов аз 55 гектар майдон 145 тонна ҳосил гирифта, дар ноҳия аз аввалинҳо шуда ӯҳдадории шартномавиро иҷро кардааст. Ӯ аҳд кардааст, ки боз 10 тонна пахта ҷамъ оварад. Се сол боз паи ҳам навъи озмудашудаи С - 6524- и пунбадонаро мекорад.

Лапасака шаш сол боз ӯҳдадориҳои шартномавиашро барзиёд иҷро карда меояд. Аз он ҷумла, дар ғаллапарварӣ ҳам ҳамеша комёб мегардад. Аз ин дар оила ҳам фаровонӣ ҳукмфармост. Соли равон ҳам танҳо аз фурӯши ғалла 2 миллион сӯм фоидаи соф ба даст овард. Аз пахта 7 миллион сӯм фоида гирифтанист.

Фермер аллакай ба 40 гектар майдон ғаллаи тирамоҳӣ киштааст.

**С. РАҲМАТОВ, (ӮзА).**

# Чоряк асри метрои Тошканд

**Дар ин рӯзҳо дар ҳар як истгоҳи нақлиёти зеризаминии Тошканд лавҳаҳои идона ба назар мерасанд. Ва дар ин лавҳаҳо рақами «25» дар маркази диққат қарор мегиранд, ки маҳз ҳамин рақам синни метрои Тошкандро муайян мекунад.**



Агарчи метрополитени Тошканд соли 1977 дар хати «Чилонзор» ба кор пардохт, кӯшиши лоиҳакашӣ ва сохтмони он дар нимаҳои соли 60-уми қарни гузашта шурӯъ гардида, ниҳоят сохтмони он аз ҷониби Маскав тасдиқ шуд.

Аввалин бист вагон ба метрои Тошканд аз корхонаи «Вагономаш»-и Митишинскии Маскав расонда шуд ва ҳоло метрои пойтахт на танҳо аз «Вагономаш», балки аз корхонаи вагонсозии ба номи Егорови Санкт-Петербург низ харид менамояд.

Ба муносибати 25-солагии ба кор пардохтани Метрополитени Тошканд дар идораи он ҷашни пуршукӯҳ ба амал омад, ки дар он аз даҳҳо метрополитени шаҳрҳои ИДМ ва корхонаҳо-шарикони метросозони пойтахт меҳмонон барои табрик ҳозир шуда буданд.

Дар байни 14 метрои шаҳрҳои ИДМ пас аз нақлиёти зеризаминии Маскав ва Харков Метрополитени Тошканд дар ҷои сеюм қарор доштааст, ки дар ин хусус меҳмонон борҳо таъкид намуданд.



**Истгоҳҳо дар хати нави «Юнусобод»-и метрои Тошканд.**

Дар суханони табрикии меҳмонон борҳо садо дод, ки Метрополитени Тошканд аз зеботарин метроҳои ҷаҳон мебошад ва онҳо ин ҳарфҳоро насанҷида намегӯянд, зеро ин мутахассисон албатта аз рӯи тақозои вазифаи худ садҳо метроро дидаанд.

Дар сухани табрикии ҳокими шаҳри Тошканд Рустам Шоҳабдураҳмонов чунин рақам садо дод, ки дар тӯяи чоряк аср метрополитени пойтахт ба беш аз 3 миллиард нафар мусофир хизмат расондааст.

—Ҳоло 2,5 ҳазор корманду бинокорони метрои Тошканд анъанаи бунёдкорон ва асосгузорони ин нақлиёти пойтахтро сарбаландона идома медиҳанд,— гуфт дар суханронии худ роҳбари Метрополитени Тошканд Адҳам Ҷумъабоев.

Бино ба суханони ӯ имрӯз барои метро ва сохтмони он, ки дар се хат ҳаракат мекунад, қариб тамоми васила ву техника дар ҳудуди Ӯзбекистон омода карда мешавад. Инчунин кадрҳои зарурӣ низ дар Ӯзбекистон тарбия мегарданд.

**Т.ИКРОМОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

Ба пешвози даҳсолагии Конститутсияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон

# Маҳсули хирадмандии сиёсӣ ва тафаккури мардум

Конститутсияи давлат ин асоси роҳи мустақили ҳуқуқӣ, низоми миллии ҳуқуқӣ мебошад. Вай ирода, рўҳ, шуури ҷамъиятӣ ва фарҳанги мардумашро ифода менамояд. Аз ин рў Конститутсия маҳсули хирадмандии сиёсӣ ва тафаккури мардум аст.

Конститутсия симо ва обрўи давлатро муайян мекунад. Тавассути ана ҳамин Қомус ҷаҳон давлатро ҳамчун давлат, миллатро ҳамчун миллат мешиносад. Қонуни Асосӣ баробари ин азму ирода ва рўҳи халқ, шуури ҷамъиятӣ ва дараҷаи фарҳанги онро муайян мекунад.

Ва ин ҷиҳатҳо дар Қонуни Асосии мо пурра акси худро пайдо кардааст ва азбаски ин суханонамон хушку холӣ садо надиҳанд, бобҳои Конститутсияро дар алоҳидагӣ таҳлил намуда, то чӣ андоза демократӣ ва замонавӣ будани Қонуни Асосисамонро пай мебарем. Маълум аст, ки Қонуни Асосии мо, ки 8 декабри соли 1992 қабул гардидааст, аз Дебоча, шаш фасл, 26 боб ва 128 модда иборат аст. Дар он ниятҳои аҷиб, мисоли садоқат ба ғояҳои ҳуқуқҳои инсон ва истиқлолияти давлатӣ, дарки масъулияти амиқ дар назди насли ҳозираву оянда, такя ба таҷрибаи давлатдории Ўзбекистон, эҳтиром ба демократия ва қонуният, эътирофи усулиятҳои маъмули ҳуқуқҳои байналхалқӣ, таъмини ҳаёти сазоворона ба шаҳрвандони Ўзбекистон, эҷоди ҷамъияти башардўстонаи ҳуқуқбунёд ва дар ниҳояти кор, таъмини сулҳу осоиши миллӣ, байни шаҳрвандонро дарбар гирифтааст.

Ва таҳлилро аз Дебочаи Қонуни Асосӣ оғоз менамоем.

## II. Калиди ба худ хос

Агар ба ҳар як хонадон, идораву ташкилот сар холанед, пеш аз ҳама ба дару дарвозаи он рў ба рў мегардед. Ва ин табиисту Ватан ҳам аз дару дарвоза ва остона оғоз меёбад. Ба пештоқи ана ҳамин дару дарвоза назар афканда, ба куҷо омаданатонро ба зудӣ пай бурданатон муқаррар аст. Дебочаи Қонуни Асосиамонро ҳам ана ба ҳамин дару дарвозаи ҳавливу бино қиёс кардан мумкин аст. Калиди ба худ хос гуфта тавзеҳ додан лозим. Ва баробари хондани Дебоча филфавр пай мебаред, ки вакилони халқ, ки ваколати халқро гирифтаанд, дар кадом шароит чӣ тавр ана ҳамин Қонуни Асосиро қабул кардаанд.

Ва сатри аввали Дебоча ин тавр баён гардидааст:

«Халқи Ўзбекистон ба ҳуқуқҳои инсон ва усулиятҳои мустақилияти давлатӣ тарафдор будани худро тантанавор эълон намуда,...»

Ва сатри мазкур чиро таъкид менамояд? Ибораи мазкур пеш аз ҳама гўшрас мекунад, ки мамлакате, ки халқи он ин Қонуни Асосиро пазируфтааст, пеш аз ҳама ғояҳои аз ҳама пешқадами дар саросари ҷаҳон эътирофгардидаро эътироф намуда, баробари ин бо роҳи мустақилонаи интихобкардаи худ собитқадамона пеш меравад.

Ба сатри дигар мурочиат мекунем, ки ин тавр баён шудааст:

«...масъулияти баланди худро дар назди авлодони ҳозира ва оянда дарк карда...».

Ва дар замири ин сатрҳо маънои зиёде ниҳон аст. Пеш аз ҳама Конститутсия дар назди авлодон то чӣ андоза масъул буданашро бараъло нишон медиҳад. Нишон медиҳад, ки Конститутсия баробари дар назди авлоди кунун ва оянда ба чӣ қадар масъули баланд молик буданаш қабул гардидааст.

Ҷумлаи минбаъда бошад, баробари такя намудан ба таҷрибаи давлатдории Ўзбекистон таҳия гардидааст ва ин тавр садо медиҳад:

«ба таҷрибаи таърихии тараққиёти давлатдории Ўзбекистон такя намуда,—...». Ва дар замири ҷумлаи мазкур низ маънои зиёде муҷассам гардидааст. Ва он чунин маъно касб мекунад: Ўзбекистон дар охири садаи XX мустақилияти худро ба даст овардааст саравал тасодуфан ба миён наомадааст. Соҳиби таърихи бой, гузаштаи бузурги фаромўшнашавандаро молик мебошад. Дар ҳамин сарзамин давлатдории Ўзбекистон таърихи бебаҳоро соҳиб буда, чунин дурдонаҳоро ба вуҷуд овардааст, ки онро на танҳо эъзоз мекунем, балки дар рўҳи талабҳои Конститутсияи эҷодкорона истифода ҳам мебарем.

Фаразан, аз як гўшаи дунё сайёҳе омада аз шумо пурсад, ки Ўзбекистон чӣ гуна давлат асту чӣ гуна ҷамъиятро барпо мекунад, шумо бе ягон кебиш сатри навбатии Дебочаро ба забон гиред, худаш кофист. Ва он сатри зерин мебошад:

«ба ғояҳои демократия ва адолати иҷтимоӣ вафодор будани худро тасдиқ намуда,...». «Қоидаҳои аз тарафи умум қабулгардидаи ҳуқуқҳои байналхалқиро эътироф намуда,» «Барои таъмини зиндагии муносиби шаҳрвандони ҷумҳурият кўшиш карда», «Дар назди худ вазифаи ба бунёд овардани давлати инсонпарваронаи демократии ҳуқуқбунёдро гузошта», «Ба мақсади таъмини сулҳу салоҳи шаҳрвандӣ ва ризоияти миллӣ дар симои намояндагони ваколатдори худ Конститутсияи мазкури Ҷумҳурияти Ўзбекистонро қабул менамояд».

Ва ҷумлаҳои мазкур, ки лўнда баён гардидаанд, дар бораи Ўзбекистон ва давлатдории он маълумоти пурра медиҳанд. Он шабеҳи ин мебошад: мақсаду орзуву омоли инсон дар шууру тафаккур ва мафкурааш акс меёбад. Сатрҳое, ки дар Конститутсия иншо гардидаанд, сиёсати давлатро дар арсаи ҷаҳон муайян месозад. Ва сатрҳои зеринро: «Барои таъмини зиндагонии муносиби шаҳрвандони ҷумҳурият кўшиш карда, ба мақсади таъмини сулҳу осоиши шаҳрвандӣ ва ризоияти миллӣ кўшида»-ро хонда, дар қалбамон фахру ғурури беандоза ҳувайдо мегардад.

Дебочаи Қонуни Асосӣ аз ҳамин иборат аст ва баробари мутолиа кардани он шоҳид мегардем, ки Конститутсия намунаи нодири эҷодкории халқ аст ва аз ин рў ҳар як нуктаву моддаи онро аз таҳти дил дарк кардан ва ба он қатъан риоя намудан вазифаи муқаддаси шаҳрвандонамон мебошад.

Азбаски алҳол мо ба сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандӣ шурўъ кардаем, ҷоиз аст, дар бораи сатрҳои «ба бунёд овардани давлати инсонпарваронаи демократии ҳуқуқбунёд» бештар истода гузарем.

Азбаски сохтани давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандӣ мақсади асосии мо гардидааст, набояд як чизро фаромўш кунем. Ин раванди демократиконӣ ваислоҳсозии куллии тамоми соҳаҳои ҳаётамон раванди дуру дароз ва бардавом мебошад. Мо қадам ба қадам куллаҳои нав ба навро фатҳ мекунем, баъзе муаммоҳоро ҳаллу фасл намуда, вазифаҳои навро пеш мегузорем ва тамоми қуввату захираҳоро барои ҳаллу фасли онҳо сафарбар месозем.

Халқи мо давраи дуру дарози мустамликадорӣ ва низоми тоталитариро аз сар гузарондааст ва аз иллату асоратҳои он ба осонӣ халос шудан мумкин нест. Чунки дигар мамлакатҳои аз нигоҳи иқтисодӣ мутараққӣ ва демократӣ ин равандро сесаду чорсад сол тай намуда, алҳол ба чунин тараққиёт расидаанд. Ба мустақилияти давлатдории мо бошад, беш аз ёздаҳ сол сипарӣ шудааст.

Ва нишонаҳои давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандӣ дар мо алҳол намудор мегарданд ва онро дар мисоли се рукни ҳокимият—қонунбарор, иҷроия ва суд дидан мумкин аст. Дар айни замон ба арсаи фаъолият фаъолона ҳамроҳ гардидани ташкилотҳои ғайридавлативу ғайритиҷоратӣ, мақомоти худидораи шаҳрвандон низ нишонае аз ҷамъияти шаҳрвандист. Ва алҳол як қатор вазифаҳои худро ба зиммаи мақомоти ҳокимияту идораи маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти худидораи шаҳрвандон гузоштани давлат низ аз ҳамин гувоҳӣ медиҳад, ки давлати мо дар бобати бунёди ҷамъияти шаҳрвандӣ гомҳои устуворона мегузорад.

Аз ҳукмронии як мафкура даст кашидан, дар ҷамъият ба вуҷуд овардани гуногунандеши низ нишонаи давлати демократии ҳуқуқбунёд мебошад. Усулияти ба худ хоси пешрафтамон низ асоси давлати демократии ҳуқуқбунёдро ташкил медиҳад. Шакли ўзбекии пешрафт, ки иборат аз панҷ усулият аст, низ демократияи ба худ хос дар давлатдории Ўзбекистон ба ҳисоб меравад. Бартарӣ доштани ислоҳоти иқтисодӣ нисбати ислоҳоти сиёсӣ, ислоҳотгари асосӣ давлат аст, волоият доштани қонун, сиёсати пурзўри иҷтимоӣ, марҳала ба марҳала гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ ҳамаи он ҷиҳати ба худ хоси пешрафти мо дар бобати давлатдорӣ ва суръатфизоии тараққиёти иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад.

Баланд бардоштани маданияти ҳуқуқӣ, такя намудан танҳо ба қонун, итоаткорӣ ба қонун низ нишонаи муҳими давлати демократии ҳуқуқбунёд ва ҷамъияти шаҳрвандӣ аст.

**Т.ЭҲСОН.**

# Навгониҳои Тоҷикистон

## Давоми сохтмони ГЭС-и Роғун

Миёни раиси ширкати холдингии «Барқи тоҷик» (Тоҷикистон) Ҷўрабек Нурмаҳматов ва директори генералии яке аз гурўҳҳои молиявию саноатии Русия «Ширкти сохтмонии Балтика» Олег Тони муоҳида дар хусуси идома бахшидан ба сохтмони ГЭС-и Роғун ба имзо расид, ки он соли 1992 қатъ ёфта буд.

Ба кор андохтани ГЭС-и Роғун на танҳо ба ҳалли масъалаҳои энергетикӣ дар Тоҷикистон мусоидат менамояд, балки имконият фароҳам меоварад, ки ҳаҷми васеи энергияи барқӣ ба хориҷи он низ содир карда шавад. Агар 25 фоизи энергияи барқ баҳри эҳтиёҷоти заводи аллюминии Тоҷикистон харҷ гардад, 25 фоиз тавассути системаи барқии Ўзбекистон ба Қазоқистон экспорт карда мешавад. Панҷоҳ фоизи боқимонда бошад, мувофиқи аҳдномаи байниҳукуматӣ ба Покистон, Афғонистон ва Эрон фиристода хоҳад шуд.

Бо ба кор андохтани ГЭС-и Роғун имкон дорад соле 4,8 миллион тонна гармии шартӣ, мутобиқан 3,5 миллиард кубометр гази табиӣ ё худ 11,2 миллион тонна ангиштсанг сарфа карда шавад.

## Ислом ва терроризми байналхалқӣ

Ислом бо терроризм мувофиқат намекунад ва ба он робита надорад. Иштирокдорони сўҳбати мизи мудаввар, ки таҳти мавзўи «Ислом ва терроризми байналхалқӣ» дар шаҳри Хуҷанд баргузор гардид, ба чунин хулоса омаданд. сўҳбати мизи мудаввар таҳти ташаббуси Маркази конфликтологӣ ва таҳқиқи динии Душанбе рўи кор омад. Дар мубоҳисаҳо олимон, намояндагони ҳукуматҳои шаҳру вилоят ва ҳизбҳои сиёсӣ иштирок намуданд. Дар рафти сўҳбат мизи мудаввар масъалаҳои терроризм, экстремизми динӣ, равобити ислом ва терроризм ва зуҳуроти фавқулоддаю ҳаракатҳои террористӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

«Фаҳмиши он, ки ислом паҳнкунандаи террор аст, билкул хатост. Худи мафҳуми терроризм аз ислом бегона аст ва ба он робитае надорад»—иброз дошт директори ташкилоти ҷамъиятии доири ҳуқуқҳои инсон И.Баққосов.

## Сарбюрои СММ дар Хуҷанд

Ба вилояти Суғд намояндаи сармуншии Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон Владимир Сотиров ташрифи расмӣ овард. Ў, ки намояндаи сармуншии Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон ва роҳбари бюрои СММ баҳри барқарор намудани амният дар Тоҷикистон таъин гаштааст, бори нахуст аз вилояти Суғд дидан мекунад. В.Сотиров бо раиси ҳукумати вилояти Суғд Қосим Қосимов вохўрд. Ҳамчунин ба қасри фарҳанги «Арбоб», масҷиди «Шайх Муслиҳиддин» ва бозори «Панҷшанбе» ташриф овард. В.Сотиров ҳамчунин ба шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ғончӣ сафар намуда, бо раисони органҳои худидораи маҳаллӣ сўҳбат орост.

## Ҷашни агроаксияи Олмон

Агроаксияи Олмон чиҳилсолагии созмон ёфтани худро қайд намуд. Рўзҳои ҷашн аз ҷониби он ёрии башардўстона дар намуди як қатор навъҳои озуқаворӣ, аз қабили орд, равғани растанӣ ва намак ба як қатор ноҳияҳои вилояти Суғд расонда шуданд. Аз ҷумла,1710 нафар бошандагони ноҳияи Ашт бо 304 тонна орд таъмин гаштанд. Як қатор ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, минҷумла аҳолии қишлоқи Пингони водии Рашт низ аз ёрии башардўстона баҳравар гаштанд.

Доири мавзўъҳои «Ёрии башардўстона аз нигоҳи бачаҳо» ва «Номаи ҳамсолонам ба Олмон» озмуни расмҳо ва иншо гирифта мешавад. Дар он беш аз 500 нафар бачаҳои бепарастор, маслуқ ва тарбиятгирандагони интернатҳои махсус иштирок намуданд.

Муовини сафири Миссияи Дипломатии Фаронса дар Тоҷикистон Ив Мамбил ва мудири Академияи Улуми Фаронса доири мамолики Осиёи Марказӣ Стефан Дюдюаньян ба театри ба номи Камоли Хуҷандӣ ташриф оварданд. Масъалаи асосӣ дар вохўрӣ ба роҳ мондани намоишномаҳои муштарак ва ташкили ҳамкориҳои фарҳангии тарафайн буд. Чи хеле, ки режиссёр Барзу Абдупаззоқов таъкид намуд, «он рамзи ягонагии рамзи драматургияи Шарқ ва Аврупо хоҳад буд. Аз Ҳазрати Исо низ ёд хоҳад омад».

Даъват намудани бастакорон, режиссёрон ва рассомон аз Фаронса ва якҷоя бо труппаи актёрӣ ва Б.Абдуразззоқов созмон додани намоишномаҳо ба нақша даромадааст. Як қисми хароҷотҳоро ҷониби Фаронса, ки ба ҳамкории фарҳангӣ таваҷҷўҳ дорад, ба ўҳда гирифтааст.

**«Туркистон-пресс»—«Вароруд».**

# Нахи Оқдарё дар Италиё

Ҷамъияти саҳҳомии «Янгиқўрғонпахта»-и ноҳияи Оқдарё имсол 19 ҳазору 500 тонна пахтаро бояд аз нав кор кард. То ҳол кормандони ҷамъияти мазкур ба Белгия, Италия, Олмон ва Швейтсария беш аз 400 тонна нахи аълосифат фиристоданд.

Ҷамоаи корхона тамоми корҳои ба зиммаашон гузошташударо сари вақт ба иҷро мерасонанд. Баробари ин дар ин ҷо ба коргарон тамоми шароитҳо фароҳам оварда шудааст.

Дар сурат: ҷараёни кор дар ҷамъияти ҳиссадории «Янгиқўрғонпахта» акс ёфтааст.,

**Суратгир: Т.НОРҚУЛОВ. (ЎзА).**

Қарори Девони Вазирони Ҷумҳурияти Ўзбекистон

# Дар бораи ташкил кардани фаъолияти Бунёди рушди варзиши бачагонаи Ўзбекистон

Баҳри иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон аз 24 октябри соли 2002 рақами УП 3154 «Дар бораи созмон додани Бунёди рушди варзиши бачагонаи Ўзбекистон» ва ба мақсади фароҳам овардани шароитҳои зарурӣ бароиқ амалӣ гардондани вазифаҳои асосии ба зиммаи Бунёд гузошташуда Девони Вазирон **қарор мекунад:**

1. Бо таклифоти вазоратҳо, идораҳо, корпоратсияҳо, ширкатҳо, ассотсиатсияҳо, дигар иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ, бонкҳо, ташкилотҳои байналхалқӣ, ҷамъиятӣ ва ғайриҳукуматӣ, ширкатҳои хориҷӣ дар бораи иштироки онҳо ба сифати муассисони Бунёди рушди варзиши бачагона розигӣ дода шавад.

Ба ҷунбиши ҷамъиятии ҷавонони «Камолот», Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Кумитаи давлатии Ҷумҳурияти Ўзбекистон оид ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд супурда шавад, ки якҷоя бо Вазорати маорифи халқ, Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсус, Вазорати тандурустии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, Шўрои федератсияи иттифоқҳои касабаи Ўзбекистон дар ташкил кардани фаъолияти Бунёд ва қисмҳои сохтории вай дар маҳалҳо фаъолона иштирок намоянд.

2. Шўрои парасторони Бунёди рушди варзиши бачагона ташкил карда шавад.

Ба маълумот гирифта шавад, ки раиси Шўрои парасторони Бунёд дар сатҳи ҷумҳурӣ Президенти Ҷумҳурияти Ўзбекистон мебошад.

Дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд шўроҳои парастории филиалҳои минтақавии Бунёд ташкил карда шавад.

Муқаррар карда шавад, ки раисони Шўроҳои парасторони филиалҳои минтақавӣ дар Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд ба таври муносиб раиси Жоқарги Кенгес, ҳокимони вилоятҳо ва шаҳри Тошканд мебошанд.

Барои амалӣ гардондани қарорҳои қабулшуда оид ба сохтмони пойгоҳи моддии иншоотҳои варзишии бачагона масъулият ба зиммаи ҷонишинони дахлдори ҳокимони шаҳрҳо ва ноҳияҳо гузошта шавад.

Ба штатҳои ҳокимиятҳои шаҳрҳо ва ноҳияҳо яктогӣ штати ягонаи мутахассисони асосӣ, ки барои ташаккул ва рушди пойгоҳи варзишии варзиши бачагона ҷавоб диҳанд, дохил карда шавад.

3. Инҳо маъқул дониста шаванд:

сохтори Бунёди рушди варзиши бачагонаи Ўзбекистон, дастгоҳи марказии вай бо шумораи интиҳоии 18 адад ва сохтори намунавии филиалҳои минтақавӣ;

Низом дар бораи Бунёди рушди варзиши бачагонаи Ўзбекистон.

Муайян карда шавад, ки таъминоти Бунёд ва филиалҳои минтақавии вай аз ҳисоби маблағи худии Бунёд ба амал бароварда мешавад.

4. Ба Шўрои парасторони Бунёд тавсия карда шавад:

дар ҳалли вазифаҳои дар назди Бунёд гузошташуда ҷалб намудани сохторҳои манфиатдори давлатӣ, ғайридавлативу ҷамъиятӣ, инчунин маблағи шарикони хориҷиро таъмин намояд;

тадбирҳои мушаххасе, ки дар муносибатҳо ба рушди тарбияи ҷисмонии бачаҳо ва варзиш мураттабиро таъмин мекунад, инчунин таҳияву ҷорӣ кардани иншоотҳои варзишии бачагонаи намунавӣ, аз ҷиҳати илмӣ асоснокро ба амал барорад;

ба Бунёд дар ба амал баровардани вазифаҳои мустаҳкам кардани пойгоҳи моддиву техникӣ ва молиявии вай ҳамаҷониба кўмак кунад;

назорати қатъии истифодаи мақсаднок ( аз рўи самтҳо) ва қонунии маблағҳое, ки Бунёд ҷамъ овардааст, таъмин намояд, мунтазам ҳисоботи директори иҷроияи Бунёд ва сохторҳои вайро дар бораи истифодаи маблағи Бунёд шунавад;

дар гузарондани конфронси таъсисии Бунёд, ба қайдгирии вай ҳамчун ташкилоти байналхалқии ғайриҳукуматӣ дар тартиби муқарраршуда ва тасдиқ намудани роҳбарони сохтори вай кўмак кунад.

5. Ба Вазорати молияи Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки якҷоя бо вазоратҳои дахлдор, идораҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар мўҳлати як моҳ якҷоя бо роҳбарияти Бунёд тартиби ташаккулёбӣ ва истифодаи мақсадноки маблағи Бунёдро таҳия ва тасдиқ намоянд.

6. Қумитаи давлатии варзиши Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки якҷоя бо Бунёд, Вазорати маорифи халқ, Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсус, Вазорати тандурустии Ҷумҳурияти Ўзбекистон, «Даврхитектқурилиш», Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд то 1 январи соли 2003 нақшаи ҷойгиршавӣ ва рушди маҷмўъҳои варзишии бачагонаро дар пунктҳои аҳолинишини мамлакат то соли 2005 таҳия намояд ва барои тасдиқ такдим созад, бо ин ҷойгиршавии оқилонаи ҳудудӣ, инчунин мувофиқи талаботи замон ҷиҳозонии техникии вайро ба назар гирад.

7. Ба кумитаи «Даврхитектқурилиш»-и Ҷумҳурияти Ўзбекистон супурда шавад, ки мувофиқи талаботи нишон додашуда дар асоси тендер таҳияи лоиҳаҳои пойгоҳии намунавии маҷмўъҳои варзишии бачагонаро, ки хусусиятҳои иҷтимоиву синну сол ва талаботи бачаҳо ва ҷавонон ба намудҳои тайёрии ҷисмониву варзишӣ, инчунин талаботи баланд ба шароитҳои санитарию гигиенӣ маишии маҷмўъҳои варзишии бачагонаро ба назар мегирад, ташкил намояд.

Бунёд фармоишгари лоиҳаҳои базавии намунавии маҷмўъҳои варзишии бачагона муайян карда шавад. Вазифаи сарташкилоти лоиҳавӣ ба зиммаи Кумитаи «Даврхитектқурилиш», ҷамъияти саҳҳомии ЎзЛИТТИ гузошта шавад.

Муқаррар карда шавад, ки бидуни экспертиза ва ризоияти Кумитаи «Даврхитектқурилиш» сохтмони обектҳои варзишии бачагона қатъият манъ карда мешавад.

8. Ба Шўрои Вазирони Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд супурда шавад, ки дар зарфи як моҳ оид ба ҷойгиркунии филиалҳои минтақавии Бунёд, бо мебел ва воситаҳои зарурии техникӣ ҷиҳозонидани он, барои иҷрои вазифаҳояшон бо алоқа таъмин кардан чораҳо андешанд.

Ба ҳокимияти шаҳри Тошканд супурда шавад, ки дар зарфи як моҳ барои ҷойгир шудани роҳбарияти иҷроияи Бунёди рушди варзиши бачагонаи Ўзбекистон бино ҷудо кунад.

9. Ба Ассотсиатсияи «Тошшаҳарйўловчитранс» супурда шавад, ки дар асоси шартнома дирексияи Бунёдро бо нақлиёти хидматӣ таъмин кунад, Оҷонсии алоқа ва иттилооти Ўзбекистон аз рўи дархости Бунёд дастгоҳи марказии Бунёд ва филиалҳои минтақавии вайро бо воситаҳои зарурии алоқа, аз ҷумла алоқаи ҳукуматӣ ҷиҳозонад.

10. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи ҷонишини аввали Нахуствазири Ҷумҳурияти Ўзбекистон К.Тўлаганов гузошта шавад.

**Раиси Девони Вазирон И.КАРИМОВ.**

ш.Тошканд, 31 октябри соли 2002.



Минбари роҳбари хоҷагӣ

# Қадамҳои боэътимод

Киштзорони хоҷагии ширкатии «Варзик» дар нуқтаи шимолтарини ноҳияи Чуст доман густурдааст. Азбаски киштзорони хоҷагиамон дар доманакўҳ ҷойгир аст, муаммои об солҳои зиёд деҳқонони хоҷагиамонро дар айёми парвариши ниҳоли пахта—тобистон ба ҳолати душвор мегузошт.Бо бунёди обанбори хурд дар қисмати шимолии хоҷагиамон ин муаммо қисман ҳал гардид. Илова бар ин, барои сарфакорона истифода бурдан аз захираи об усули машҳури дар амал санҷидашуда—«Усули Чуст»-ро дар ҳамаи киштзоронамон татбиқ намудем. Аз ин боис ҳам ду соли охир зироаткорони хоҷагиамон супоришҳои шартномавии истеҳсолу ба давлат фурўхтани ғалладонаву пахтаро сарбаландона адо карда меоянд.

Соли ҷорӣ ҳам супоришҳои шартномавии пиллатайёркунӣ ва ба давлат фурўхтани ғалларо ҳам барзиёд иҷро намудем. Бахусус дар соҳаи ғаллатайёркунӣ пешравии назаррасро ба даст овардем. Ба хирмани мамлакат ба ҷои 2118 тоннаи супориш 2344 тонна ғалла расонида дода, супориши шартномавиро ба 110,6 фоиз адо намудем.

Дар натиҷаи мавсими ғаллатайёркунӣ хоҷагиамон натанҳо аз қарзҳои бисёрсола халос гардид, балки кам бошад ҳам даромади софро ба даст овардем. Паймонкорони пешқадами хоҷагиамон Абдусаттор Фузайлов, Саъдулло Каримов, Абдувалӣ Иброҳимов ва Тўйчибой Усмоновҳо сари ҳар як гектар 55 сентнерӣ ҳосил рўёнида даромади калонро ба даст оварданд. Иҷрои супориши истеҳсоли ғалла имконият дод, ки то ҳадди имкон ҳамаи аъзоёни хоҷагиро бо ғалла таъмин намоем.

Имрўзҳо кишти ғалладонаро барои ҳосили соли 2003 ба охир расонда истодаем. Соли оянда супориши истеҳсоли ғалла 3440 тонна муайян гардида аз ин миқдор 2240 тоннааш ба давлат фурўхта мешавад. Ҳоло ҳозир дар 1120 гектар пахтазор хоҷагиамон ҷамъоварии ҳосили соли 2002 идома дорад.

Даромад аз соҳаҳои ғаллатайёркунӣ ва истеҳсоли пахта барои тараққиёти соҳаи иҷтимоӣ шароитҳо ҳам фароҳам меорад.

Соли равон 17 гектар замин барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ба 150 нафар аъзоёни хоҷагӣ тақсим карда шуд. Дар масофаи 1,5 километр хати гази табииро гузаронидем. Дар натиҷа сокинони маҳаллаи Болои деҳаи Варзик бо ин сўзишвории арзону қулай таъмин гаштанд. Дар деҳаи Варзигон бошад ба сохтмони шифохонаи хурди деҳот кўмак расонидем.

Имсол аз тарафи президентамон соли «Эъзози куҳансолон» эълон гардидааст. Дар давоми сол ба 55 нафар иштирокчиёни ҷанги дуюми ҷаҳон, мўйсафедони барҷомонда ба арзиши 665 ҳазор сўм ёрии моддӣ ва маънавӣ расонида шуд.

Ба ҳар як хонаводаи 55 нафар пиронсол 50 килограммӣ гандум тақсим карда додем.

Дар мавзеи хушбоду ҳавои Сариқалъаи деҳаи Варзик барои нурониёну фахриён чойхонаи зебоманзар ва истироҳатгоҳ бунёд намудем. Албатта, корҳои хайрия бо ин ба охир нарасида доимо давом хоҳад кард. Зеро бо дуову ҳидояти мўйсафедони нуронӣ корҳоямон пеш меравад.

Соли равон аз хоҷагии қишлоқ гирифтани даромади калонро пешбинӣ карда истодаем. Ин албатта барои равнақи хоҷагӣ, ҳифзи иҷтимоии сокинони деҳоти хоҷагиамон, баландшавии дараҷаи некўаҳволии аъзоёни хоҷагиамон имконият медиҳад.

Чун мухлиси доимии рўзномаи «Овози тоҷик» барои афзудани шумораи хонандагони рўзнома дар хоҷагиамон кўмак мерасонем. Зеро ин ягона нашрияи тоҷикист, ки дар ҷумҳурӣ барои аҳолии тоҷикзабон чоп мешавад.

**Фарҳодҷон ҲОҶИМАТОВ,**
**раиси хоҷагии ширкатии «Варзик»-и ноҳияи Чуст, депутати Шўрои депутатҳои халқи вилояти Намангон.**

# НАВИГАРИҲОИ ВИЛОЯТИ НАМАНГОН

## Бахшида ба Конститутсия

**КОСОНСОЙ.** Дар толори маҷлисгоҳи коллеҷи тиббии шаҳр вохӯрии фаъолони ноҳуд бо ҷонишини раиси Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Бахтиёр Мирбобоев баргузор гардид. Вохӯриро ҷонишини ҳокими ноҳия Муҳиддин Орипов кушода суханро ба Б.Мирбобоев медиҳад. Ӯ дар баромади худ оиди аҳамияти таърихии қабулшавии Қонуни Асосии ҷумҳурӣ, мақсад, мақом ва вазифаҳои Суди Конститутсионӣ маълумоти муфассал дод.

Чунин вохӯриҳо дар Донишгоҳи Давлатии Наманган, Донишкадаи муҳандисӣ ва технологиву иқтисодии Наманган, Раёсати таълими халқии вилоят, ҳокимияти шаҳри Наманган баргузор гардида, дар иштироккунандагон таассуроти нек боқӣ гузошт.

## КОРГОҲ

**УЧКӮРҒОН.** Дар ҷамъияти саҳҳомии «Учқӯрғонёғ» сехи нави қадоқкунии равғани растанӣ ба зарфҳои махсуси пластикӣ ба кор даромад. Ҷараёни технологии фирмаи «STECA»-и Фаронса имконият медиҳад, ки дар давоми як соат 2 ҳазор зарфи як метри бо равған пур карда ба истеъмолкунандагон фиристода шавад.

—Бо оғози кори сехи нав ҳаҷми моҳонаи маҳсулот 30 фоиз афзуд. Ин соле илова ба ҳаҷми умумии маҳсулот боз 1606 тонна истеҳсол кардани равғани рустанист,— гуфт роҳбари ҷамъияти саҳҳомӣ Т.Шамсиддинов.

Бо фаъолияти сехи нав 12 ҷойи нави корӣ ба вуҷуд омад.

## ҒАМХОРӢ

**Уйчӣ.** Дар ҷамъияти кушоди саҳҳомии бофандагию ресандагии ноҳия беш аз 1200 нафар коргарону хизматчиён меҳнат мекунанд. Музди миёнаи меҳнат дар корхона 25-30 ҳазор сӯмро ташкил медиҳад.

Ҷамоаи корхона дар шароити иқтисоди бозаргонӣ ба афзоиши маҳсулот муваффақ мегардад. Коргарон барои хӯроки нисфирӯзӣ ними арзиши онро медиҳанд. Ба кормандони соҳаҳои зараровар бошад, ширу ҷурғот бепул дода мешавад.

**А.НУРИДДИНОВ.**



Шаҳри Тирмиз аз ёдгориҳои қадима бой аст. Мақбараҳои Ал-Ҳаким Ат-Тирмизӣ ва Султон Саодат, ёдгориҳое аз қабили «Кокилдор ота» ва «Қирққиз» ба ҳусни шаҳр ҳусн зам мекунанд. Тирмизшаҳри қадима бо шарофати қайди 2500-солагии худ тозаҷавонӣ ёфт. Дар ин ҷо корҳои ободонӣ ва бунёдкориҳо бо ҷидду ҷаҳд пеш бурда шуданд. Шаҳр ҳусну таровати дигар пайдо кард.

**Дар сурат:** намуди мақбараи Ал-Ҳаким Ат-Тирмизӣ.

**Суратгир Искандар ХӮҶАЕВ (ӮзА).**

## Ҷамъоварии шолӣ дар авҷ

Меҳнаткашони Қароқалпоқистон имсол ба 22 ҳазору 763 гектар майдон шолӣ коштанд. Аз аввали мавсим онҳо аллакай ҳосили даҳ ҳазор гектар майдонро ҷамъ оварданд. Ба хирман зиёда аз 21 ҳазор тонна ғалла рехта шуд. Дар шолизор зиёда аз 100 комбайнҳои «КЛАСС», «Кейс», «Нюхолланд» беист кор мекунанд.

Аз рӯи ҳисобӯ китоби мутахассисон то охири мавсим боз 55 ҳазор тонна шолӣ ҷамъ овардан мумкин.Дар асоси шартнома ба давлат 39 ҳазору 600 тонна шолӣ фурӯхтанианд. Инчунин барои ҳосили соли оянда 3 ҳазору 750 тонна шолии тухмӣ тайёр карданианд.

**(ӮзА).**

**Мӯҳсин Умарзода**

# Назаре тоза ба реша ва маънии «Истаравшан»

Вожаҳо ва номҳои ҷуғрофиёӣ мисли як мавҷудоти зиндаанд: таваллуд меёбанд, нашву намо мекунанд, бо гузашти замон куҳансол шуда, гоҳо ба ҳадде тағйири қиёфа менамоянд, ки шинохти реша ва маънии аслии онҳо басо мушкил мегардад. Вале, ба ҳар ҳол, ин номҳо чун ганҷи бебаҳо арзишҳои худро ҳамоно аз даст намедиҳанд, бо забони ҳол гувоҳӣ медиҳанд, ки кай ва чӣ гуна арзи андом намудаанду чӣ маънӣ доранд. Баъзан чунин иттифоқ меафтад, ки ҳатто як номи ҷуғрофиёӣ барои осон кардани чандин мушкилоти илми таърих кӯмак мекунад.

Истаравшан аз ҷумлаи ҳамин гуна номҳост.

Вай номи кишваре буд ва ҳам номи шаҳре дар он кишвар. Дар бораи саргузашти ин диёр дар тӯли таърих дар гӯшаву канори олам садҳо осори муфассал аз даврони Куруши Кабир ва Искандари Макдунӣ то аҳди исломӣ ва пас аз он таълиф ёфтаанд ва нақши чандҳазорсолаи он дар рушду таҳаввулоти тамаддун ва фарҳанг мунъакис гардидааст.

Бино ба маълумоти китоби ЮНЕСКО — «Таърихи тамаддунҳои Осиёи Марказӣ» шаҳрнишинӣ дар Усрушана (Уструшана-Истаравшан), куҳантарин маркази шаҳрӣ, байни қарнҳои ҳафтуму панҷуми пеш аз мелод шакл гирифт. Шаҳри борудори Хватак (маҳалли Нуртеппаи кунунӣ) рӯи теппае аз теппаҳои муртафеъ (баланд) дар ҳошияи шимоли ғарби воҳаи Ӯротеппа воқеъ шудааст. Ин шаҳри шонздаҳ ҳектарӣ дорои арк ва девори дифоъӣ аст, ки давр то даври шаҳр кашида шудааст. Шабакаи обёрӣ, ки ба василаи он аз оби кӯҳҳо ва чашмасорҳо истифода мекарданд, дар корҳои ривоҷи иқтисоди кишоварзӣ кӯмакҳои зиёде мекард...Меъмории биноҳои шаҳр бо нақшаҳои мухталиф ва зарфҳои сафолии зарифи мутадовил — ҳама нишондиҳандаи вуҷуди як зиндагии иҷтимоӣ ва фарҳангии сатҳи боло дар ин шаҳр ҳастанд.

Аз Куруката...ба унвони дуввумин ва бузургтарин шаҳри қадимии Усрушана ном бурда шудааст. Ҳарчанд номи Куруката дар номи имрӯзии Куркат, воқеъ дар шимоли Тоҷикистон боқӣ мондааст, вале тарҷеҳ (бартарӣ) дода шудааст, ки онро бо Ӯротеппа яке бидонанд...Манбаъҳои хаттӣ ба шаҳрҳои борудоре дар Усрушанаи қадим монанди Газа, Бага ва чаҳор шаҳри беноми дигар ишора мекунанд» (Бахши дуввум аз ҷилди дуввуми ҳамон китоб, саҳ.310-311).

Вале дар ин таърих, ки аз китоби Созмони тарбиятӣ, илмӣ ва фарҳангии Милали Муттаҳид нақл шудааст, барои равшан кардани саргузашти худи калимаи «истаравшан» ишорае ҳам нест.

Гоҳо мешавад, ки як нафар пажӯҳишгар солҳои сол барои муайян кардани маънои ҳақиқии як вожа заҳмат мекашад, аммо охируламр менависад: «маънои он равшан нест» ва ё «шарҳу баёни ин калима тахминӣ аст». Оё мумкин аст, ки мо низ мисли ҳамон пажӯҳишгар дар ҷустуҷӯи маънии «истаравшан» ба як кӯчаи сарбаста даромада, гумроҳ шавем ва ё ба сурати имрӯзаи он нигоҳ карда аз таркибаш вожаҳои «ист» ва «равшан»-ро берун кашему барои он як маънои наверо ихтироъ кунем?

Бояд гуфт, ки ин ном дар манбаъҳои исломӣ ба таври хеле гуногун омадааст, ки ин ҳол низ фаҳмиши онро осонтар намекунад. Инак, аз муаррихони асрҳои миёна Абӯҷаъфари Табарӣ дар «Таърих аррусул вал-мулук» ва Ибни Ҳавқал дар «Сурат-ул-арз» ин калимаро ба гунаи «Ашрусана» (ё «Ашрусна») низ овардаанд; Абулфазли Байҳақӣ дар «Таърихи Масъудӣ» ва Ёқути Ҳамавӣ дар «Мӯъҷам ул-булдон» ба шакли «Усрушана» навиштаанд; муаллифи «Ҳудуд ал-олам» ба тарзи «Сурушана» (ё «Сарушана») сабт намудааст.

Дар осори дигар муаррихон ва ҷуғрофиёнависони исломӣ низ шакли қадимаи Истаравшанро ба суратҳои Шарусана, Сатрушана, Ушрусана, Сутрушана ва ғайра қайд кардаанд. Ва ҳеҷ кадоми онҳо нагуфтааст, ки чаро ин номро ин тавр навиштаасту ба гунаи дигар не. Шакли дуруст ва маънои ин калима дар доират-ул-маорифҳо (энциклопедияҳо) ва дигар адабиёти махсуси доир ба шинохти решаи номҳои ҷуғрофиёӣ низ нишон дода нашудааст. Муаллифи китоби «Хуросони Бузург» доктор Аҳмади Ранҷбар мегӯяд, ки «дар байни ҳамаи ин суратҳо калимаи «Усрушана» роиҷтар аст ва ағлаб муаррихин ва ҷуғрофидонон вожаро ба ҳамин сурат забт кардаанд, бинобар ин мо низ ба пайравӣ аз аксарият ва бо таваҷҷӯҳ ба мутадовил будани он ҳамин шакли охир, яъне «Уҫрушана»-ро мепазирем» («Хуросони Бузург», саҳ.40).

Бубинед, донишманди Эрон шакли калимаи «Усрушана»-ро пазируфтааст фақат барои он, ки онро аксарияти мутақаддимон ба кор бурдаанд. Барои чӣ бештар ба кор бурдаанд? Ӯ намедонад!

Худи ин мутақаддимон низ фикрҳои хилофи якдигарро изҳор кардаанд. Гоҳо мебинем, ки Уструшанаро чун як шаҳр тасвир мекунанд ва мегӯянд, ки аз биноҳои мӯътабари ин шаҳр масҷиди ҷомеъ аст, ки дар дохили шаҳр қарор дорад ва ҳамчунин куҳандиз ва доруламора аст, ки дар рабаз воқеъ аст; боруи (девори қалъаи) шаҳр дорои чаҳор дарвоза ба номҳои Зомин, Марсманда, Нуҷкат, Каҳобод аст. Зиндони шаҳр дар куҳандиз воқеъ аст («Ҳудуд ал-олам», саҳ.67). Дар айни ҳол Ибни Ҳавқал мегӯяд, ки Усрушана ҳамчун Суғд номи иқлим (кишвар, мамлакат— М.У) аст ва шаҳре бад-ин ном надорад. Сипас ин муаллиф мавқеъияти ҷуғрофиёии Усрушана (Уструшана), ҳудуди қисматҳои он, шаҳру рустоҳои онро якояк ном мебарад ва шарҳ медиҳад («Сурат-ул-арз», аз саҳ. 229 то 232).

Ҳатто дар Тоҷикистон ҳам, ки зиёда аз даҳ сол муқаддам омодаи баргузории 2500-умин солгарди бунёди Истаравшани бостонӣ буданд, дар бораи реша ва маънии ин ном ба тавре ки шоистаи илми решашиносӣ бошад, изҳори ақида карда нашуд. Баръакс, ҳамаи тадқиқот ва таҳқиқот дар атрофи калимаҳои «Истаравшан» ва «Ӯротеппа» бурда шуд, ки гӯё ин ду ном аз лиҳози маънӣ яке буда бошанд.

Охируламр, аз фикру мулоҳизаҳои пажӯҳишгарони номи Истаравшан ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо дар кашфи маънои ин ном як услуби бисёр соддаро ба кор бурдаанд, яъне ин калимаро ба ду қисм—«ист» ва «равшан» ҷудо кардаанд ё ба тарзи дигар гӯем, он чиро, ки аз нигоҳи авом ҳам намоён аст, ҳамонро дидаанд ва ё он чиро, ки худ пеши по афтода бошад, ҳамонро бардоштаанд.

Ин ҳам кам будааст, ки вожаи «равшан» низ таҳлил ва таҷзия намуда, аз он номи худои офтоби Мисри бостонӣ «Ра»-ро берун овардаанд ва дар чашми луғатшиносони мӯҳтарам дар ҳар ҳиҷои аввали калимаҳои русӣ ҳам, ки ҷузъи «ра» доранд, як офтоб падидор шудааст. Ва ҳол он, ки ҳеҷ кадоми он калимаҳои русӣ ба худои офтоб ҳатто ба андозаи сари мӯе ҳам рабте надорад. Дар ин бобат мо лоақал як мисол меоварем, ки шояд кофӣ бошад. Чунончи, калимаи «радеть» гунае аз лафзи қадимаи славянии «радити» ба маънии ҷидду ҷаҳд ва ҳиммат аст ва бо вожаи бостонии эронии «ротийа» («радий»), вожаи «род»- и имрӯза решаи муштарак дорад. (Барои ошноӣ бо шарҳи муфассали ин калима нигаред: О.Трубачев «Алоқаҳои забонии славянию эронӣ» дар маҷмӯаи «Этимология», нашри Академияи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, «Наука», 1967, саҳ.23).

Дар илми решашиносӣ мафҳуми «этимологияи вулгарӣ» ҷой дорад, ки он «таъбири соддалавҳона», «истилоҳи кӯчаву бозор» гуфтан аст. Як намунаи ин гуна «этимология» афсонаест, ки дар миёни мардуми рус бофта шудааст. Инак, як замон дарёчае (рӯди хурдакак) аз шарқ ба ғарб равона шудааст, аммо дарёи азиме ки номи Ра доштааст, яъне гӯё дарёи Волга роҳи ин дарёчаро баста фармудааст: «Аз сари роҳам дур шав! Охир, ман Ра ҳастам». Дарёча бепарвоёна: «Дур намешавам. Худам—Ра!» (ба русӣ «сама—Ра») гуфтаасту сафарашро идома додааст.

Ҳамин тариқ, дар маҳалли ин бархӯрд рӯд ва шаҳри Самара ба вуҷуд омадааст.

Дар Хуросон ва Варорӯд (яъне Мовароуннаҳр) аҷдоди мо ҳеҷ гоҳ ва ба ҳеҷ ваҷҳ Ра— ин худои офтобро напазируфтаанд, зеро онҳо ба ҷои Ра аз қадимтарин давронҳо худои офтоби худро доштанд, ки номи ӯ эзиди Меҳр аст. Яке аз шоирони қадимиамон, ки мутаассифона номашро фаромӯш кардаам, мегӯяд:

> **Алҳамд, ки аз тарбияти**
> **Меҳри дурахшон,**
> **Аз лолаву гул гашт чаман**
> **кӯҳи Бадахшон.**

Ҳамин Меҳр аст, ки дар асотири бостонии мо, дар суннатҳои ниёконамон ва ҳам дар номҳои рӯз ва моҳи Меҳр (аз 23 сентябр то 23 октябр) дар солшумории хуршедӣ ба таври фаровон аз ӯ ном бурда мешавад. Ҳамчунон, ки Масъуди Саъд менигорад:

> **Рӯз Меҳру моҳ Меҳру**
> **ҷашни фаррух Меҳргон,**
> **Меҳр бифзой, эй нигори**
> **моҳчеҳри меҳрубон.**

Дар ҳамаи фарҳангҳои мӯътабар, аз ҷумла, дар «Фарҳанги форсӣ»-и Муҳаммади Мӯъин (ҷилди 4, саҳ.4462) «меҳр» ба маънии «хуршед, офтоб» омадааст ва азбаски вай гармӣ ва ҳаёт мебахшад, онро ба мафҳуми маҷозӣ «меҳру муҳаббат, дӯстӣ, вафо ба аҳду паймон» низ ба кор бурдаанд. Дар мамлакати Суғд, аз ҷумла дар Уструшана (Истаравшан) аз худое бо номи Ра ёде ҳам накардаанд, зеро онҳо Меҳрро мепарастиданд.

Номи эзиди Меҳр дар «Фарҳанги суғдӣ» чандин маротиба зикр шудааст ва ба суратҳои «Миср», «Мисра», «Митра» (саҳ. 36, 224) сабт ёфтааст. Ғайр аз ин дар ин фарҳанг «меҳр» дар таркибҳои гуногун дида мешавад, монанди «меҳрйанд» (пайравони Меҳр, ки як фирқаи мазҳаби «меҳрия» буд; «мисрй»\ «мишруҷ», «мисррӯз», яъне меҳррӯз—рӯзи шонздаҳуми ҳар моҳи шамсӣ (саҳ.226).

Номи Меҳр дар Овистои нав ба сурати «Мисра» бо сифатҳои эзиди фурӯғ, рӯшноӣ, паймоншиносӣ шарҳ ёфтааст. Таъсири оини Меҳр (ба паҳлавӣ «Митра») дар миёни мардумони ориёӣ ончунон зиёд буд, ки баъдҳо кеши ҷудогона бо номи «меҳроинӣ» ё «митраизм» аз он падид омад ва дар бахшҳои бузурги Осиё ва Урупо густариш ёфт. Инак, номи худои офтоб—«Ра» на ин, ки аз Миср ба кишварҳои мо наомадааст, балки худи номи давлати Миср аз Эрону Хуросону Мовароуннаҳр ба он сарзамин рафтааст.

Банда ин мухтасарро барои он нақл намудаам, то фаҳмида шавад, ки аз ҷузъи «равшан»-и Истаравшан берун овардани «Ра» як кӯшиши беҳуда ва ғайриилмӣ аст.

Доктори илми таърих Юсуфшои Ёқубшо дувоздаҳ сол муқаддам мақолае зери унвони «Ӯротеппа чӣ маъно дорад?» навишта, дар «Тоҷикистони советӣ» (12.01.1990) чоп кунонда буд. Он вақт дар арафаи ҷашни 2500-солагии Ӯротеппа, ки мебоист дере нагузашта баргузор мешуд, баҳси доманадоре дар бораи калимаи «Ӯротеппа» авҷ гирифта буд, аммо баъдтар он ҷашн мавқуф гузошта шуд. Ӯ ҳамон вақт гуфта буд, ки «маънои калимаи «Истаравшан» «ҳамеша равшан бош!» аст». Муаллифи мақола дар қисмати пойинтари он боз илова карда буд: «Дар диёнати зардуштӣ худое ҳаст бо номи Рашан (Равшан)...Парвардигор Рашан дар Суғд ва Истаравшан хеле машҳур буд. Бинобар ин тахмин кардан мумкин аст, ки шояд калимаи «Истаравшан» бо номи язди авестоӣ вобастагӣ дошта бошад...».

Дар ин маврид нахуст бояд гуфт, ки вожаи «Истаравшан» маънои «ҳамеша равшан бош!» надорад. Номи «Рашан» ҳам, ки дар мақола гоҳ «худо», гоҳ «парвардигор» ва гоҳо «язди авестоӣ» хонда шудааст, барои дуруст баровардани ин фикри иштибоҳомез кӯмак карда наметавонад. Шакли дурусти ин эзид «Рашн» мебошад. Ҳарфи «н» дар охири ин ном дар бисёр калимаҳои овистоӣ монанди «кунишн»—куниш,яъне кирдор, расму одат; «бундаҳишн»—бундиҳиш, бунёди офариниш ва ғайра дертар аз истеъмол мебарояд. Бинобар ин дар адабиёти форсу тоҷик «Рашн»-ро на Рашан, балки «Раш» навиштаанд. Масалан, Фирдавсӣ мегӯяд:

> **Чу хури сипеҳр оварад**
> **рӯзи Раш,**
> **Туро зиндагӣ бод**
> **пидрому хваш.**

Унсурӣ ҳам ин номро «Раш»номидааст:

> **Даромад дар он**
> **хонаи чун биҳишт,**
> **Ба рӯзи Раш**
> **аз моҳи ардибиҳишт.**

Рашнро «парвардигор» номидан ҳам хато аст, зеро калимаи «парвардигор» яке аз номҳои худованди таоло аст, ки ӯ ҷаҳонро ва ҳамаи он чи, ки дар он вуҷуд дорад, офарида ва парваридааст. Аммо Рашн (ё Раш) дар дини зардуштӣ эзид, яъне мисли як фаришта аст, ки ба Аҳурамаздо—офаридгори бузурги ҷаҳони некӣ ҳамроҳи дигар эзидон (фариштагон) кӯмак мекунад. Калимаи «рашн» дар «Фарҳанги вожаҳои Овисто» ба мафҳуми «рост» таъбир шудааст ва «рашнӣ»—ростӣ, нерӯи нигаҳбони ростӣ ва додгарӣ аст (ҷилди 1, саҳ.283; ҷ.3, саҳ.1219). Танҳо дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ вожаи эзид гоҳо ба маънои худо низ ба кор бурда мешавад.

Инак, ҳамон тавре ки мушоҳида кардаем, муаллифони мақолаҳои роҷеъ ба Истаравшан бо ҳар роҳе ки бошад, кӯшидаанд то исбот намоянд, ки ин ном ҳамоно маънои «ҳамеша равшан бош» дорад, бинобар ин на танҳо эзидони овистоӣ, балки худои офтоби Мисри бостониро низ ба ёрӣ хондаанд, бехабар аз он, ки на Рашн Рашан мебошаду на Рашан маънои «равшан» дорад. Рашан—фармон, дастур гуфтан аст («Фарҳанги вожаҳои «Овисто», ҷ.3.саҳ.1227).

Ҳар гоҳ, ки аз реша ва маънии номҳои бисёр қадимаи бостонӣ сухан ба миён меояд, бояд донист, ки онҳо дар тӯли ҳазорсолаҳо ба ҳадде дигаргун гаштаанд, ки ҳоло чунон, ки дар боло гуфтем, шинохтан мушкил аст. Кам андар кам калимае ёфт мешавад, ки дар чунин муддати тӯлонӣ қиёфаи худро каму беш ё тамоман дигар накарда бошад. Масалан, калимаи «шаҳр», ки онро имрӯз хурду калон медонад, дар бостон «хшасра» буд ба маънии қудрат, ҳокимият, мамлакат. Вожаи «чӯпон», ки бузургони адабиётамон «шубон» низ навиштаанд, дар асл «фшу-пана» буд, ки маънои «нигаҳбони бузу гӯсфанд» дошт. Шакли бостонии калимаҳои зан, мард, фарзанд, сиёҳ, сафед, дӯст, душман ва монанди ин ҳазорон луғатҳоро ба қиёфаи имрӯзаашон ҳатто қиёс кардан душвор аст.

(Давомаш дар саҳ.4)

# Гардиши пули нақд—таҳти назорат

**Имрӯз дар ҷомеаи мо баҳри кам намудани иштироки бевоситаи давлат дар иқтисодиёт ва ҷиҳати қатъиян ҷорӣ намудани сиёсати андоз—буҷа ва пул — кредит (қарз) як қтор ҷораю тадбирҳо дида мешаванд.**

**Қарори аз 5 августи соли 2002 қабул намудаи Девони Вазирони Ҷумҳурият «Дар бораи тадбирҳои боз ҳам маҳдуд намудани муомилоти берун аз бонкии пул» намунаи равшани ин тадбир аст.**

**Вақтҳои охир аз тарафи ҳукумат барои такмил додани муомилоти пулӣ, тавсия бахшидан ба муомилоти бепули нақд дар вақту замон ва ба пурраги пардохтани ҳамаи андозҳо эътибори ҷиддӣ медиҳанд.**

Маҳдуд намудани доираи гардиши берун аз бонкии пул дар навбати худ, муомилоти пулиро барқарор намуда, дар бобати суст намудани бӯҳрони инфлятсионӣ (бекурбшавӣ) дар иқтисодиёт имконият фароҳам меоварад. Ин бошад, дар навбати худ барқарории макро ва микро иқтисодиро дар ресбутлика таъмин менамояд ва системаи андозро такмил мебахшад.

Таҳлилҳои имрӯза ҳаминро нишон медиҳанд, ки қисмати асосии маблағҳои пулӣ айнан аз роҳи гурехтан аз пардохти андоз ва беназорат гирифтани пули нақд, бидуни бонк, берун аз он гардиш менамоянд. Баъзе «тадбиркорон» ба мақсади пур кардани ҳамёни хеш роҳҳои гуногуни пинҳон доштани даромади пулиро фикр карда меёбанд ва бо ҳамин роҳ аз пардохти андоз рӯ метобанд. Қарори Девони Вазирон «Дар бораи бадбирҳои боз ҳам маҳдуд намудани муомилоти берун аз бонкии пул» ба фаъолияти ин гуна тадбиркорон садди роҳ мегардад.

Қабул карда шудани ин қарор баҳри мустаҳкам намудани интизоми андозсупорӣ, пешгирӣ намудани ашхоси ҷисмонӣ ва юридикӣ аз насупурдани андоз қадами аввал аст.

Қарор ба органҳои хидмати андоз ва ба мансабдорони Департаменти оид ба ҷиноятҳои ба андоз алоқаманди назди Прокуратураи генералӣ ҳуқуқ медиҳад, ки дар савдои чакана ва умдафурӯшӣ, дар соҳаҳои хӯроки умумӣ ва хизматрасонии пулакӣ риояи қоидаҳои ворид шудани пули нақдро ба бонкҳо таҳти назорат бигиранд ва дар ин роҳ тафтишҳои таъҷилӣ низ гузаронанд.

Ин ҷораю тадбирҳо, бешак масъулияти субектҳои хоҷагиро дар бораи тиҷорат ва воридоти пули нақд афзун мегардонад ва онҳо тартиботи мавҷударо риоя намуда, ҳаҷми пули нақди воридотро афзун менамоянд. Баҳри таъмини иҷрои қарори мазкур органҳои Департамент дар асоси нақшаҳои пешбинишуда бо ҳамкории ходимони хидмати Давлатии андоз, муассисаҳои бонк, савдои чаканаю умда, хӯроки умумӣ, адои хизмати пулиро оиди хатман ба бонк супурдани пулҳои ворида тибқи тартибот ва қоидаҳои мавҷуда тафтишҳои ғайринавбатӣ мегузаронанд. Дар натиҷаи ин гуна тафтишҳо бисёр ҳолатҳои қонуншиканӣ муайян ва фош мешаванд.

Ба таври мисол метавон аз «фаъолияти» фирмаи «Фуноза»-и ш. Тошканд ном бурд. Фурӯшандаи фирмаи мазкур Р.Абдураззоқов ҳангоми фурӯхтани нӯшокиҳои спиртии ҳуҷҷатҳои зарурӣ надошта ба даст афтод, ки ин хилофи қонун аст. Фурӯшанда ҳамчунин пулҳои аз савдо ба даст омадаро аз кассаи мошинӣ нагузарондааст. Аз ин тадбиркори сохта ба сифати далели ашёвӣ 50 миллион сӯмина нӯшокиҳои спиртӣ гирифта шуд. Алҳол ӯ дар назди қонун ҷавоб медиҳад.

Соли ҷорӣ аз тарафи органҳои Департамент як қатор хоҷагиҳои ба муомилаи пули нақд алоқаманд, субъектҳо тафтиш карда шуданд. Дар натиҷаи тадбирҳои ба амал татбиқшуда 32 миллиард сӯм пули нақд муайян карда шуд, ин қонуншиканиҳо аз тарафи одамони алоҳида сурат гирифта, ҳамаи онҳо ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд.

«Ангур аз ангур ранг мегирад» гуфтагӣ барин мудири дӯкони 10-уми бозори марказии шаҳри Навоӣ Алишер Тӯрақулов аз дигар вайронкунандагони қонун «худро кам надониста» ба шаҳрванд Бобур Файзиев кам не мӯл не ҳазор қуттӣ сигарети «PINE»-ро бидуни маркаҳои аксизӣ, ки ҳар як қутиаш 350 сӯм буда 352 ҳазор мешавад, ҳангоми фурӯхтанаш аз тарафи ходимони Департамент дастгир шуданд. Ҳамаи ин кам буд, ки ин «шоввоз» пулҳои аз савдо ба даст омадаро аз мошини касса нагузарондааст. Ба ғайр аз ин 307700 сӯм пули савдо, маҷмӯан 659700 сӯмина пул аз назорати мошини касса бо баҳонаи вайрон будани он ба мушоҳида расид, ки ин дағалона вайрон кардани қоидаҳои савдо мебошад. Ӯ ин қадар ба худаш боваридор менамояд, ки аз ҳукумати шаҳр ва инспексияи «давлатии андоз мувофиқи тартиботи мавҷуда аз рӯйхат гузаштааст, бо фаъолияти тадбиркорӣ машғул шуда, қоидаҳоро фаромӯш намудааст. Қоидаҳои савдоро бо ҳамин дағалона мунтазам вайрон намудааст.

Ба мақсади пешгирӣ намудани воқеаҳои вайрон намудани қонун органҳои «Департамент» эътибори худро асосан барои баланд бардоштани маданияти ҳуқуқии андозсупорандагон нигаронида, ҷиҳати такмили маданияти андоз кӯшиш ба харҷ медиҳанд, пеши роҳи ғайриқонунии гардиши пули нақдро барои гирифтан тадбирҳои тарғиботӣ низ меандешанд. Ҳамчунин аз ҳар як харидор, шаҳрванд хоҳиш карда мешавад, ки баъди харид карда гирифтани ҳар гуна мол аз фурӯшанда гирифтани чеки кассаро фаромӯш накунанд. Бояд ҳаминро ҳам ба ҳисоб гирифт, ки маҳз ҳамин чеки касссаи назоратӣ ба харидор ҳуқуқ медиҳад, ки агар маҳсулоти харид намудааш бесифат ё дорои нуқсон бошад, онро иваз кардан , ё баргардонданаш мумкин аст.

Имрӯз мо дар кишвари худ мамлакате барпо мекунем, ки он ҳуқуқӣ-демократӣ хоҳад буд, ҷамъияти шаҳрвандии озод мебошад. Ба ҳамин сабаб ҳар як шаҳрвандро лозим аст, ки вазифа, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои қонунии худро бидонад ва ба он амал намояд.

Ба ҷои хулоса ҳаминро гуфтанием, ки харидорон ҳангоми аз дӯкон харидани амвол мабодо фурӯшанда чек надода монад, онро бояд талаб карда гиранд. Ин ҳол талаби қонун ва ҳамчунин ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқии истеъмолгарон низ мебошад.

**А.ЭРГАШЕВ.**
**инспектори калони гурӯҳи матбуоти Департамент.**



Поччохон-апа беш аз бист сол аст,ки дар корхонаи нонпазии Сӯх сидқидилона меҳнат мекунад. Кайҳост,ки ӯ бо меҳнатдӯстию ғайратмандӣ ва чашмикордонӣ ном бароварда ва сазовори эҳтироми ҳамкорон гаштааст. Чанд сол устои сехи булочка низ буд ва сехе,ки ӯ роҳбарӣ мекард,нақшаву супоришҳоро барзиёд иҷро менамуд.

—Шавқи беандоза ба меҳнат,ҳалимию меҳрубонӣ нисбати ҳамкорон Поччохон Мирзоҷоноваро сарбаланд гардондааст,-бо мамнуният иброз медорад ҳамкори ӯ Ҳасанхон Тӯраев.

**Дар сурат:** коргари пешқадам **П. Мирзоҷонова** бо ҳамкори худ **Ҳ. Тӯраев** ва директори корхона **К. Ғоибназаров.**

**Матн ва сурати М. ШОДИЕВ.**

## Корхонаи муштараки нав

Дар ноҳияи Элikқалъаи Ҷумҳурияти Қароқалпоқистон дар ҳамкорӣ бо ширкати «Мершантекс»-и давлати Лихтенштейн дар шакли ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Медикал коттон интернейшл LTD» корхонаи муштараки Ӯзбекистону Лихтенштейн ба истифода супурда шуд.

Ин корхонаи муштарак, ки сармояи оиномавиаш 2 миллиону 421 ҳазор доллари ИМАро ташкил медиҳад, дар як сол 150 тонна пахтаи баландсифати тиббӣ истеҳсол ва 60 нафарро бо кори доимӣ таъмин мекунад.

Дар кушодашавии тантанавии корхонаи муштарак ҷонишини Раиси Жоқарги Кенгеси Ҷумҳурияти Қароқалпоқитон А. Иброҳимов иштирок кард.

